**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Шехов Акбар Махмадиевич дар мавзуи «Технологияи педагогии таълими тафриқа дар ташаккули неруи зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйии хтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст**

Дар ҳар як ҷомеа масъалаи таълими насли наврас масъалаи муҳим ва марказӣ маҳсуб дониста мешавад ва давлат ҳамеша ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Дар марҳалаи кунунӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон тайёр намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ маҳсуб дониста мешавад. Барои ин дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷараёни таълим ба тақвият бахшидани неруи зеҳнии хонандагон эътибори махсус додан лозим аст, зеро ташаккули неруи зеҳнӣ дар хонандагон мустақилиятнокӣ, эҷодкорӣ, худруштдиҳӣ, худтарбиякуниро ба вуҷуд меорад. Маҳз бо назардошти гуфтаҳои болозикр унвонҷу Шехов Акбар Маҳмадиевич мавзуи «Технологияи педагогии таълими тафриқа дар ташаккули неруи зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки бе шак мубрам буда, мазмун ва муҳтавои он ҳамчун таҳлили воқеии вазъи кунунии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ арзёбӣ мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷу пеш аз ҳаллу фасл намудани масъалаи мазкур дар раванди таълим ихтилофоти мавҷударо ошкор намудааства дар диссертатсия барои рафъи ин ихтилофотҳо пешниҳодҳои судманд ироа гардидааст.

Дар таҳқиқот аз ҷониби унвонҷу нуқтаҳои назари методологӣ ва назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлили густурда карда шудааст. Илова бар ин омӯзиши назарияи психологии инкишофи шахсият, назарияи ҳамгирои педагогӣ, назарияи моделронӣ, ки аз ҷониби олимон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ба унвонҷу имконият додаст, ки вобаста ба шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявӣ-илмии технологияи педагогии таълими тафриқа дар ташаккули неруи зеҳнии хонандагони илман асоснок карда шавад.

Унвончу бамаврид ва нишонрас таъкид кардааст, ки истифодаи технологияи таълими тафриқа имконият медиҳад, ки сатҳи қобилият ва лаёқати хонандагон зери донишҳои назариявӣ ташаккул дода шуда, неруи зеҳнии онҳо так вият дода шавад. Дар навбати худ ин имконият медиҳад, ки ҷараёни таълим самарабахш гардонида шавад.

Дар автореферати диссертатсия зикр гардидааст, ки ҳангоми ҷорӣ намудани таълими тафриқа ва рушди қобилиятҳои инфиродии хонандагон бояд хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва физиологии онҳо ба эътибор гирифта шавад, дар акси ҳол ҷорӣ намудани таълими тафриқа самарае намедиҳад.

Бояд қайд намуд, ки хулосаҳо ва далелҳои муаллиф боътимод, илман асоснок буда, натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз хулосаҳои дар ҷараёни омӯзиши масъала ҳосилшуда бармеоянд, барои минбаъд дар шакли зарурӣ ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълими тафриқа аҳамияти муҳим доранд.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда бо муҳиммият ва навгониҳои худ ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он Шехов Акбар Маҳмадиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедари забони русӣ ва таҳсилоти
касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
_________________Хусанова Тамара Кадыровна

Маълумот барои тамос: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3; Тел: (+992) 935-30-03-33; E-mail:tamara-07-03@mail.ru

*Имзои* Хусанова Т. К.-ро *тасдиқ мекунам:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ* Бухориев Н. А

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ТЕХНОЛОГИИ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ